*Шаҳзода Самарқандӣ*

*17 Тирмоҳи 1395 / 7 шюли 2016*

## *Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ, ҳофизаи адабиёти тоҷик*

*Шаҳзода Самарқандӣ - Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ, устоди адабиёти тоҷик, ки дар сабкшиносии матнҳои классикии порсӣ-тоҷикӣ тахассус дошт, дар шаҳри Душанбе даргузашт. Бо ду коршинос гуфтугу кардаем.*

Якшанбе 3 июл ҷомеаи Тоҷикистон мардеро ба хок супурд, ки аз аввалин муаррификунандагони адабиёти тоҷик ба мардуми Эрон буд. Профессор Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ, ки солҳо дар Эрон мезист ва пуле миёни адабиёти Тоҷикистону Эрон буд, дар ҳаштодсолагӣ даргузашт. Раҳим Мусулмониён, ки дар авохири умр ба бемории фаромӯшӣ дучор шуда буд, дар солҳои ахир ба Тоҷикистон бозгашта буд.



*Раҳим Мусулмониён, донишманди тоҷик*

Раҳим Мусулмониён дар солҳои ҷанги дохилии Тоҷикистон маҷбур ба тарки Ватан шуд ва Эронро барои иқомат пазируфт. Ӯ дар тӯли 15 соли иқомат ва фаъолияти худ дар Эрон дар Доиратулмаорифи исломӣ навиштани чанди мадхалро бар ӯҳда дошт ва дар канори он мақолаҳои илмию адабии бисёре дар расонаҳои дохилии Эрон ба чоп расонд.

Шаҳоб Фаррухёр, рӯзноманигори эронии муқими Душанбе ва аз дӯстони деринаи Раҳим Мусулмониён, дар гуфтугу бо радиои Замона гуфт: Раҳим Мусулмониён дар тӯли фаъолияташ дар Эрон аз қадрдонӣ ва таваҷҷуи вежа бархурдор буд ва дар муаррифии Донишномаи Осиёи Миёна яке аз пешгомон буд. Оқои Фаррухёр мегӯяд Раҳим Мусулмониён дар ҷавонӣ яке аз донишҷӯёне буд, ки дар баробари мақолаи тунде, ки зидди ҳуввияти тоҷикӣ дар Маскав чоп шуда буд, эътироз карданд ва дар расмият додан ба забони порсии тоҷикӣ дар Тоҷикистон саҳми арзишманде доштанд.

Ба гуфтаи оқои Фаррухёр, бо ин ки Раҳим Мусулмониён гароиши зиёде ба фаъолиятҳои сиёсӣ надошт, аммо аз он ҷо, ки фаъолият дар ҳавзаҳои забону адабиёт дар даврони шӯравӣ як падидаи сиёсӣ маҳсуб мешуд, ӯ низ ба таври нохоста вориди сиёсат шуд.

Замоне ки Раҳим Мусулмониён дар Теҳрон буд, талошҳои зиёде кард, ки дар яке аз донишгоҳҳои Теҳрон курсии вежаи “Порсии Фарорӯд” роҳандозӣ шавад, аммо муваффақ нашуд. Бо ин вуҷуд, аз назари Шаҳоб Фаррухёр, Раҳим Мусулмониён тавониста аз фурсати иқомат дар Эрон дуруст ва ба хубӣ истифода кунад ва ҳамзамон бо ин ки дар маҳфилҳои адабию илмии Эрон ширкат дошта, ба маҳалҳои дурдаст ва шаҳрҳои мухалиф сафар кунад ва бо гӯйиши маҳалҳои гуногуни Эрон ошно бишавад.




*Ҷилди китоби “Назарияи адабиёт”,*
*ки дар донишгоҳҳои Тоҷикистон тадрис мешавад*

Профессор Р. Мусулмониён аз саршиностарин адабиётшиносони тоҷик буд, ки ба гуфтаи Адаш Истад, нависандаи тоҷики муқими Самарқанд ва аз дӯстони ӯ, бо ин ки дар Эрон қадрдонӣ мешуд, аммо дар Ватан аз он маҳрум буд. Ба гуфтаи Адаш Истад, Раҳим Мусулмониён ба хотири фаъолиятҳои оппозитсионии худ маҷбур ба тарки Тоҷикистон шуд ва ба Эрон паноҳ бурд. Ӯ боиси ошноии садҳо рӯшанфикри тоҷик бо зиндагии эрониён ва адабиёти муосири Эрон шуд.

Бархе аз ин ошноӣ дар рафтуомадҳои рӯшанфикрони тоҷик ба Эрон сурат мегирифт, чунонки Адаш Истад охирон бор Раҳим Мусулмониёнро дар Теҳрон дидааст.

Адаш Истад китоби дарсии "Назарияи адабиёт"-и Раҳим Мусулмониёнро аз муҳимтарин корҳои илмии ӯ медонад. Китоби "Назарияи адабиёт"-и Раҳим Мусулмониён беш аз се даҳа аст, ки бидуни вероиш ва бознависӣ дар донишкадаҳои адабиёти порсии Осиёи Марказӣ тадрис мешавад. Навиштаҳои ӯ дар сабкшиносии насри тоҷикӣ ҳам яке аз пурмуроҷиаттарин китобҳои дарсӣ аст. Маҷмӯаи хотироти Раҳим Мусулмониён бо унвони "Устодону ҳамдарсон" дар Эрон ба хати форсӣ чоп шудааст.

Аз соли 2005 ба ин сӯ Раҳим Мусулмониён нишонаҳои беморни фаромуширо аз худ буруз медод ва то соли 2008 замоне, ки фарзандонаш тасмим гирифтанд ӯро ба Тоҷикистон баргардонанд, ин бемории дигар ба авҷи худ расида буд. Солҳои охири умр Раҳим Мусулмониён ҳама ҳофизаи худро аз даст дода буд ва аз фаъолиятҳои худ на чизе ба ёд дошт ва на чеҳраи ошноеро мешинохт.

Дар тӯли ин бемории фарзандони ӯ маҷмӯаи хотироти ӯро ба чоп расонданд ва тамоми китобҳои китобхонаи шахсии ӯро ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон бахшиданд. Шаҳоб Фаррухёр муътақид аст, ки ин коре аст, ки "устод Мусулмониён рӯҳан бо он мувофиқ буданд".

Аз Раҳим Мусулмониён беш аз 30 асари илмӣ ва беш аз сад мақола дар заминаи адабиётшиносии тоҷик ба мерос монд.